**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «26» 04 соли 2024 № 112/ди ш. Душанбе**

*Дар бораи додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархатҳои 4 ва 10 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 2 (ду) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикргардида, дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм дода шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 2 (ду) адад дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2024, № 5.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» 04 соли 2024, №112/ди

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии доктори илм сазовор дониста шудаанд
ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии
доктори илм дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори илм | Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии доктори илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод намудааст; дараҷаи илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Асозода Ҳотам Раҷаб | 6D.КОА – 020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; доктори илмҳои филологӣ |
| 2. | Назаров Аҳтам Пулотович | 6D.КОА-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; доктори илмҳои педагогӣ |